“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон
дар ш. Панҷакент
профессор______________Ансорӣ М.Қ.
“_____” _____________ соли 2021

ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Давлятбоева Сарвиноз Абдумаликовна дар мавзӯи “Шароитҳои педагогии ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш (дар мисоли Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов)” ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст.**

Баробар ба таҳаввулоти сиёсиву иҷтимоӣ ва маънавӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон вазъи илмиву фикрӣ ва фарҳангӣ низ рӯ ба рушд дорад. Маориф дар ҳамаи давру замон нерӯи пешбарандаи ҷомеа ба шумор рафта, махсусан муҳаққиқону омӯзгорони асил дар андешаи онанд, ки шогирдони мактабро ба зиндагии мустақил омодаву равона созанд. Дар қиболи ин равандҳои пешқадам илми педагогика аз ҳама роҳу равиш соҳиби арзишҳои муайян, тамоюли тоза ва вежагиҳои хос мегардад, ки ин навҷӯиву навовариҳо дар корҳои илмӣ ва дастовардҳои олимон барҷаста ҷилвагар мегардад.

Муҳимияти мавзӯи интихобнамудаи Давлятбоева Сарвиноз Абдумаликовна бо он муайян карда мешавад, ки дар замони муосир таваҷҷуҳ ба масъалаи ташаккули шахсият тасодуфӣ нест. Муаммои моҳияти инсонро бидуни таҳлили нақши инкишофи фаъолнокии маърифатии вай, мавқеи инсон дар ҳамбастагии мураккаби тамоми

унсурҳои моддиву маънавии ҳаёти ҷомеа муайян кардан ғайриимкон аст. Ҳар яке аз сифату ҷиҳатҳои тибии инсон ҳамчун субъекти ҷамъиятӣ, аз он ҷумла, ташаккули фаъолнокии маърифатии ӯ бояд аз нигоҳи робитаҳои гуногунпаҳлӯи он бо ҷомеа, дар алоқамандӣ бо амалияи гуногунҷанбаи таърихӣ, ки ба дигаргунсозии мутараққии шаклҳои ҳаёти иҷтимоӣ равона шудааст, таҳлил гарданд.

Дар шароити Тоҷикистони муосир салоҳиятҳои асосӣ ва калидии бошандаи асри XXI он салоҳиятҳое мебошанд, ки имкониятҳоеро ба ӯ фароҳам меоранд то бо ёрии онҳо инсон тавонад проблемаҳои ҳаётии худро ҳаллу фасл намояд. Дар салоҳиятҳои мазкур мустақилият ҷойгоҳи хоса дорад, ки нақши асосии нишондиҳандаи ташаккули дигар салоҳиятҳо аз қабили эҷодкорӣ, тафаккури эҷодӣ, муоширaт, дастурдиҳӣ ва монанди инҳоро иҷро мекунад.

Бо муаллифи рисола дар он хусус розӣ шудан мумкин, ки муаммои ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар илми педагогӣ-равоншиносӣ ба таври кофӣ коркард нашудааст. Таҳқиқоти мазкур ба ҳалли пурраи он даъво намекунад. Дар оянда бунёд намудани низоми томи ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш бояд дар донишгоҳҳо ва донишкадаҳои самти тарбияи ҷисмонӣ зарур мебошад, зеро ба ташаккули мустақилияти шахс, фаъолнокии маърифатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муҳим арзёбӣ мегардад, аз он лиҳоз, ки дар шароити имрӯза ҷомеа ва давлат ба рушди салоҳиятнокии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ талаботи барзиёду баландтар матраҳ менамояд.

Дар рисола оварда шудааст, ки муҳимтарин намуди мустақилияти шахс, фаъолнокии маърифатии ӯ ба шумор меравад, ки таҳти таъсири бисёр омилҳо қабл аз ҳама таҳти таъсири муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ташаккул

меёбад. Дар шароити кунунӣ, ҷомеа ва давлат ба рушди салоҳиятнокии хатмкунандагони МТОК талаботи барзиёду баландтар матраҳ менамоянд, аз он лиҳоз ки хатмкунандагони МТОК на танҳо ба иҷрои шаклҳои алоҳидаи кори мустақилона, балки ба амалисозии фаъолнокии мустақилонаи маърифатӣ дар раванди таҳсилоти муттасил бояд қодир бошанд.

Бо дараназдрдошти гуфтаҳои боло, ошкор ва асоснок намудани шароити педагогии ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯёни Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ки дар рисолаи илмии Давлятбоева Сарвиноз баррасӣ гардидааст, ниҳоят мубрам аст.

Дар диссертатсия мақсади таҳқиқот ва фарзияи он дуруст муайян карда шуда, барои анҷом додани пажӯҳиши илмӣ вазифаи муҳим, ба монанди омӯзиши вазъи муаммои рушди фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш гузошта шудааст.

Аз ҷониби муҳаққиқ ба таври муфассал корҳои илмии педагогҳо, психологҳо, файласуфон ва олимони соҳаи иҷтимоишиносӣ омӯхта шудааст, ки дар онҳо асосҳои педагогии ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён, асосан дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш таҳқиқ гардидаанд.

Боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот бо методологияи илмӣ, низоми методҳо ва методикаҳо, ки ҳамдигарро пурра мекунанд, бо мувофиқати интихоб ба тавсифҳо, санҷидани методикаҳои озмоишӣ дар амалияи кори МТОК, коркарди математикии маълумоти эмперикӣ таъмин гардидааст. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми асосии диссертатсия 152 сафҳаи компютерӣ буда, бо номгӯи адабиёт ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ оварда шуда, аз 6 ҷадвал иборат аст.

Дар муқаддима, зарурати таҳқиқу баррасии мавзӯъ, мубрамияти он, омӯхта шудани муаммоҳои асосӣ, мақсад ва вазифаҳо, навовариҳои илмӣ, сарчашмашиносӣ ва методолияи тадқиқот муқаррар ва муайян гардида, матолиби меҳварии барои дифоъ манзуршаванда инъикос гардидаанд.

Диссертант барои ноил шудан ба ҳадафи хеш ҳалли вазифаҳои зеринро дар меҳвари баррасиҳои илмии хеш қарор додааст:

Муаллиф дар **боби якум,** таҳти унвони **«Асосҳои назариявию методологӣ ва вижагиҳои педагогии дарсҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ва нақши онҳо дар ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён»** зарурат ва аҳаммияти ҷорӣ намудани фанни «Сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш»-ро дар Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов, методология ва вижагиҳои педагогии таълими сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, инчунин шароити педагогии ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯёнро дар дарсҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш мавриди пажӯҳиш қарор додааст.

Ба ақидаи муҳаққиқ дар соҳаи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ ташаккули чунин гурӯҳи арзишҳо амалӣ мегардад:

- иҷтимоӣ - рекордҳо, ғалабаҳо, саргармиҳо, истироҳат ва ғайра;

- моддӣ - малакаҳо, маҳорат, саломатӣ, қобилиятҳои ҷисмонӣ;

- маънавӣ - ахлоқӣ ва ормонҳои эстетикию арзишҳо, худсобиткунӣ, маърифат;

- равонӣ- тахайюл, суръати тафаккур, отифаҳои мусбат;

Муаллиф таъкид менамояд, ки ҳар як ҷомеа муносибати махсуси худро ба варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ ташаккул медиҳад. Нақши асосиро дар ин ҷо урфу одат ва маросимҳо ифода мекунанд. Хеле муҳим аст, ки дар болотарин

сатҳи давлатӣ фаҳмиши он нуқта пайдо шуда истодааст, ки варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ ба бисёр унсурҳои фарҳанги миллӣ таъсири назаррас мерасонанд ва онҳоро ба сифати таҳкурсии омили рушди мутаносиби ҳам фард ва ҳам ҷомеа баррасӣ намудан зарур аст.

Соҳаи аз тарафи диссертант баррасишаванда дар марҳилаи кунунӣ иборат аз ниҳоди иҷтимоие мебошад, ки ба ҳамаи талаботи ниҳодисозӣ мутобиқат дорад:

- ба фаъолияти тайёркунии кадрҳои касбӣ машғуласт;

- пойгоҳи моддӣ ва инфрасохтори рушдкарда дорад;

- бо вуҷуд доштани вазифаҳои дақиқан муайяншуда (таҳсилотӣ, солимгардонӣ, иҷтимоӣ ва ғайра) тавсиф мегардад;

- тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҷамчун фанни таълимӣ дар ташаккули усули ҷаҳоншиносӣ ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, коркарди усулҳои илмӣ барои ташаккул ва рушди тарбияи ҷисмонӣ, барои омӯзиши талаботи ҷомеа ба он, инчунин дар омӯзиши равишҳо ва роҳҳои қонеъгардонии талаботи мазкур мавқеи махсус доранд.

Ҳамзамон, муаллиф қайд мекунад, ки сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш омилҳоеро таҳқиқ мекунад, ки бояд ба таври пурра ҷанбаи оммавӣ будани ҳаракати тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро таъмин намоянд. Омилҳои мазкур возеҳан ба объективӣ ва субъективӣ тақсим мешаванд, ки дар ин асос онҳоро ба ду гурӯҳ тақсим мекунанд.

1) Омилҳои дорои ҷанбаи объективӣ:

- дараҷаи рушди пойгоҳи моддии соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш;

- сифат ва миқдори кадрҳои касбии омодабуда.

2) Омилҳои дорои ҷанбаи субъективӣ:

- ташаккули шуури ҷамъиятӣ ва инфиродӣ дар робита бо азхудкунии арзишҳои ҳаракати тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш;

- ташаккули ангезаҳои устувор ва самтгириҳои арзишии шаҳрвандон ба машғулияти фаъолона ба варзиш;

- тарбия намудани талабот дар ҷомеа оид ба фаъолияти самти варзишию тарбияи ҷисмонӣ, аҳамияти тарзи ҳаёти солим, нақши рушди ҷисмонии фард дар маҷмӯи низоми арзишҳои ҷомеа ва инсон.

Дар асоси омӯзиши марказҳои илмӣ ва кори озмоишӣ-санҷишӣ муаллифи рисола чунин хулоса менамояд: “Варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ арзиши вижа мебошанд, ки дар доираи он ба ғайр аз арзишҳои умумиинсонӣ боз арзиши махсус, яъне низоми арзишҳои худи онҳо ташаккул меёбанд. Дар ин замина, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар худ омили ҳамаи унсурҳои низоми арзишҳои ҷомеа, пеш аз ҳама - арзишҳои ахлоқӣ ва эстетикӣ буда, тибқи принсипҳои онҳо ташаккул меёбад”. Дар рисола мафҳумҳои “шахсият”, “фаъолияти маърифатӣ”, “фаъолнокии мустақилонаи маърифатӣ”, “салоҳиятҳои калидӣ”, “эҷодкорӣ”, “тафаккури эҷодӣ”, “муошират” ба таври дақиқ шарҳ дода шуда, муаммоҳои рушди фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш муайян карда шудаанд.

Аз ин нуқтаи назар асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқоти Давлятбоева Сарвиноз Абдумаликовна ягон шубҳаро ба вуҷуд намеоранд ва боварибахш мебошанд. Соҳибрисола дониши хуби назариявӣ дошта, дорои қобилияти таҳлилу таҷзия намудани натиҷаҳои таҳқиқот буда, нуқтаи назари илман асосноки худро пешниҳод намудааст, ки ба ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами асосҳои педагогии ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён

дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш равона карда шудаанд.

Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуқтаи илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, мантиқи фикрронӣ ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошанд.

Дар **боби дувуми** рисолаи илмӣ, ки **«Таҳқиқоти таҷрибавии шароити педагогии ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятчои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Донишкадаи тарбияи чисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов»** ном дорад, масъалаҳои таъмини омодагии омӯзгор ба ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, самти ташкили раванди таҳсилот тибқи амсилаи тадриси фани таҳсилоти «Сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш», инчунин кори таҷрибавию озмоишии дахлдор роҳандозӣ мегардад.

Дар муддати марҳилаи якуми таҳқиқот гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ аз ҷумлаи донишҷӯёни факултетҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов ташкил дода шуданд.

Дар чорчӯбаи марҳилаи дувуми таҳқиқот ташкилдиҳии ГО2 ва ГН2 роҳандозӣ ва муҳтавои таҷрибавии кори ҷанбаи таълимӣ оид ба сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш тасҳеҳ гардид, ки дар марҳилаи якуми раванди таҳсилот дар соҳаи сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ва шароити педагогии дар ҷараёни таҳқиқ ошкоргардида татбиқ карда шудааст. Иштироккунандагони ҳар як гурӯҳ вобаста ба сифати супоришҳои иҷрогардида ба ду дараҷа тақсим мешуданд. Ба дараҷаи якум донишҷӯёне ворид мешуданд, ки вазифаро иҷро кардаанд, ба дараҷаи дувум бошад, он донишҷӯёне шомил буданд, ки аз уҳдаи иҷрои вазифа набаромада буданд.

Эътимоднокии натиҷаҳо бо ёрии ҷадвалҳои бисёрхонагӣ муайян карда шудаанд, ки он муқоисаи нишондиҳандаҳои гурӯҳҳои гуногунро фароҳам меоварад.

Дар рисола ақида ва дастовардҳои нави илмӣ асоснок карда шудаанд, ки метавонем чанд намуна орем:

1.Якҷоякунии шаклҳои инфиродӣ ва гурӯҳии ташкили фаъолнокии маърифатӣ, ягонагии фаъолнокӣ асоснок карда шудааст.

2.Дар асоси маълумоти озмоишӣ вижагиҳои фаъолнокии маърифатии донишҷӯён ошкор ва мушкилоте, ки бо онҳо дар раванди амалисозии фаъолнокии мустақилонаи маърифатӣ мувоҷеҳ мешаванд, ҷудо карда шудаанд.

3.Вобастагии рушди фаъолнокии маърифатии донишҷӯён аз кӯмакҳои «бефурӯғшавандаи» омӯзгорон ва рафиқон исбот карда шудааст.

4.Аҳамият ва имкони интиқоли мутақобилаи малакаҳои ҳалли масъалаҳо дар вақти берун аз дарс нишон дода шудааст;

Бояд зикр кунем, ки муҳаққиқ дар анҷом додани таҳқиқоти диссертатсионӣ заҳмати зиёд кашида, аз осори классикон, таҳқиқотҳои олимони муосири тоҷику хориҷро омӯхта ва дар кори хеш истифода бурдааст.

Ягонагии натиҷаҳои бадастомадаро аз ҷониби диссертант риоя гардидани муҳлати марҳалаҳои таҳқиқот, мавриди истифода қарор додани методҳои мувофиқ ба объект, мавзӯъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, интихоби дурусти микдору ҳаҷми гурӯҳҳои озмоишӣ, имконияти воқеии такрори озмоиш дар амалияи таҳсилот таъмин намудаанд.

Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, диссертатсия ва фишурдаи он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи рисола хеле муфиданд, аз ҷумла:

1. Дар қисмати адабиёти истифодашуда баъзе сарчашмаҳое ба чашм мерасад, ки ба мавзӯи диссертатсия мувофиқ нестанд ва истифода

нашудаанд;

2.Дар ҷадвалҳои овардашудаи қисмати таҷрибавии рисола хуб мешуд баробари нишон додани фоизи дигаргуниҳо, теъдоди донишҷӯён низ инъикос мегардид.

3. Кори озмоишӣ-таҷрибавӣ асосан дар шароити илмӣ-таҳсилотии Донишкалаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов ташкил ва гузаронида шудааст, агар таҷрибаи кории дигар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат гирифта мешуд хубтар буд.

4. Дар рисола хатоҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешавад, ки ислоҳи камбудиҳои зикршуда барои боз ҳам беҳтар намудани сифати кор мусоидат менамояд.

Қатъи назар, норасоиҳои зикргардида арзишмандии рисоларо кам намекунанд.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи баланд таҳия гардидааст, ба матни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф мебошад.

Диссертатсияи Давлятбоева Сарвиноз Абдумаликовнадар мавзӯи "Шароитҳои педагогии ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш (дар мисоли Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов)"барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Давлятбоева Сарвиноз Абдумаликовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Тақризи муассисаи тақриздиханда дар ҷаласаи кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент бо иштироки диссертант Давлятбоева Сарвиноз Абдумаликовна баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа 14 нафар устодон иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор"-14 нафар, "бетараф"-нест, "муқобил"-нест. (Қарори №10 аз 10.05.2021 с.).

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои филологӣ
мудири кафедраи педагогика-психологияи
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар
шаҳри Панҷакент: Ғаффоров Мизроб Ҷалилович

Котиби ҷаласа,
номзади илмҳои педагогӣ: Сироҷзода Фотима Сироҷ

Эксперт,
номзади илмҳои педагогӣ: Мақсудов Зафарҷон Очилдиевич

Имзои М.Ҷ. Ғаффоров, Ф.С. Сироҷзода,
З.О.Мақсудов - ро тасдиқ мекунам.
Мудири шӯъбаи кадрҳои ДОТ дар
шаҳри Панҷакент Тоҳирова У.К.

Нишонӣ:735500, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд,
ш.Панҷакент, хиёбони Рӯдакӣ 106.
Тел: +992(3475) 5-40-50, 5-32-69.
E-mail: tou@bk.ru: dotpanj@gmail.com: www.Dotpanj.tj